# TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

**Course:** **Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan**

## Week: 8.

## ANALYSIS OF THE LABOR MARKET SITUATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN UNDER THE CURRENT ECONOMIC CONDITIONS

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Analysis of the labor market situation in the Republic of Tajikistan under the current economic conditions

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 8

## Таҳлили ҳолати бозори меҳнат дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт

*Рустамзода Фитрат Музафар*

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1. Муқаддима**

8.1. Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

8.2. Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

8.3. Тамоюл ва хусусиятҳои асосии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт

**2. Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

Бозори меҳнат, омилҳо ва принсипҳои асосии бозори меҳнат, рушди сармояи инсонӣ ва рушди бозор, бозор хусусиятҳои асосии он, нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир, таҳлили ҳолати воқеии бозор дар иқтисодиёти имрӯза.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар ҳолати гузариш ба иқтисодиёт ва намуди сифатан нави муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ яке аз масъалаи мубрам дар истифоданамоии самаранок омилиҳои истеҳсолӣ гардидааст. Дар шароити муосир яке аз омилҳои асосӣ, ки ба сифат ва рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад, омили меҳнат ҳисобида мешавад.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Ҷиҳатҳои асосии фарқунандаи ин омил дар он зоҳир меёбад, ки аз як тараф меҳнат ҳамчун таҷассумгарӣ харҷӣ нерӯи захираҳои инсонӣ дар раванди истеҳсол намудани молу хизматрасонӣ ширкат менамояд ва аз лиҳози дигар худ истеъмолгари онҳо ҳисобида мешавад.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар шароити муосир унсурҳои иҷтимоию ташкилӣ ва технологӣ ҳамчун муҳити самарабахши ин омил дар ҷараёни истифодаи меҳнат ба назар гирифта мешаванд, ки дар омода намудани молу маҳсулоти баланд сифат таъсири бевоситаи хешро мерасонад. Яъне дар ҳолати истеҳсол намудани мол аз ҷониби мол истеҳсолкунанда сифати он ба инобат гирифта мешавад.

## Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар ҳолати самаранок истифода намудани сифати меҳнат ба ташаккул ва рушди иқтисодиёт таъсири бевоситаи хешро мерасонад. Дар баробари сифатҳои равонӣ ва ҷисмонии кормандон инчунин як қатор нишондиҳандаҳо ва нерӯи истеҳсолии захираҳои инсониро дар бар мегирад. Инчунин сатҳи таълимоти умумӣ ва махсус, таҷрибаи истехсолии андӯхташуда ва аз насл ба насл ба қатори онҳо гузаранда ва меъёрҳои рафтори фарҳангӣ дохил мегарданд.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар маҷмӯъ хислатҳои инфиродии захираҳои инсонӣ ва муҳити ташкилию иҷтимоӣ ва технологӣ ба ҳам вобаста мебошанд ва ба сифати меҳнат, баланд бардоштани нерӯи истеҳсолии захираҳои инсонӣ таъсир мерасонад.

Мусалам аст, ки нерӯи истеҳсолии захираҳои инсонӣ дар ин ё он мамлакат аз сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар ва уҳдадории иҷтимоии ширкатҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва умуман корфармоён вобастагӣ калонро доро мебошанд.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар мамлакатҳои тараққикарда ва рушдёбанда сиёсати иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳими давлат ба ҳисоб меравaнд, ки барои таъмини сатҳи баланди аҳолӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисос ва дорои малакаву маҳоратҳои касбӣ ба шумор меравад.

Яъне дар ду категорияи мамлакатҳо сиёсати иҷтимоӣ ба таври гуногун истифода мегарданд:

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

- Дар мамлакатҳои тараққикарда сиёсати иҷтимоӣ барои ноил гардидан ба сатҳи баланди сифати зиндагӣ ва таъмини баланди меҳнат равона гардида аст;
- Дар мамлакатҳои ру ба инкишоф ин категорияи мазкур барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум равона гардида аст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар байни ин гурӯҳи кишварҳо фарқият дар сохтори соҳавии шуғл низ назаррас аст, ки ба сохтори такрористеҳсолии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и ин кишварҳо таъсир мерасонад. Дар кишварҳои мутараққӣ ҳиссаи бештари шуғлдоштагон дар соҳаи хизматрасонӣ банд буда (60-80%), дар соҳаи саноат (25-35%) ва дар соҳаи кишоварзӣ (2-5%) ин нишондиҳанда нисбатан пасттар аст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад (ба истисноӣ кишварҳои нави саноатӣ), қисми зиёди шуғлдоштагон ба соҳаи кишоварзӣ (аз 30% зиёдтар) рост меояд ва ба соҳаи саноату (15-20%) хизматрасонӣ (35-45%) ҳиссаи боқимонда мансуб аст. Мувофиқи ин гуфтаҳо ба рақамҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон назар намоем, дар солҳои охир чунин таносубро дидан мумкин аст: 60,9% шуғлдоштагон дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (дар якҷоягӣ бо хоҷагиҳои ёрирасон), 3,4% дар саноат, 4,1% дар сохтмон ва боқимонда дар дигар соҳаҳо, аз ҷумла хизматрасонӣ банд мебошанд[1].

1. Давлатов С.Н., - Идоракунии сармояи инсонӣ

дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ,

Душанбе 2022, саҳ. 74-88

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Таҳлили гузаронида шуда нишон медиҳад, ки аҳолии машғулгардида дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ 2506000 нафарро дар ҳамаи соҳаҳо дар соли 2020 ташкил менамуд, ки ин нисбати соли 2011-ум 256700 нафар зиёд аст. Инчунин ҳамасола шумораи шахсоне, ки ба ин ё он намуди кор дар иқтисодиёти машғуланд зиёд гардида истодааст, ин далолат аз он менамояд, ки рушд ва ташаккули иқтисодиёт дар сатҳи дуруст ба роҳ монад шудааст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар бахши воқеӣ шумораи аҳолии машғули иқтисодӣ дар соли 2020-ум 1754400 нафарро ташкил менамояд, ки нисбати соли 2011-ум 82600 нафар зиёд бошад ҳам, аз рӯйи фоизи умумии нисбати соли 2011-ум 4,3% камтар ба шумор меравад, ки ҳамасола низ чунин нишондиҳанда ба қайд гирифта шуда истодааст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

**Ҷадвали 1**

## Нишондиҳандаҳои тағйирёби (динамика)-и тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намудҳо

| Фаъолияти иқтисодӣ дар соли 2020, ҳазор нафар Нишондиҳандаҳ | 2011 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул | 2249,3 | 2379,7 | 2385,3 | 2407,0 | 2426,0 | 2463,0 | 2506,0 |
| бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

***Сарчашма:*** Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021 -С.138-143.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Шумораи шуғлдоштагон дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ, ки соҳаи асосии машғулбудагон дар ҷумҳурӣ дониста шудааст, агар дар соли 2011-ум 1507200 нафарро ташкил намуда бошад, ин шумора дар соли 2020-ум ба 1525600 нафар омада расида, 18400 нафар зиёд шуда бошад, бо фоиз 6,2 % кам гардидааст.

Соҳаи моҳипарварӣ соҳаест, ки шумораи камтари аҳолии қобили меҳнат ба ин соҳа машғул мебошад ва тағйирот дар ин давра ҳамагӣ 300 нафарро ташкил менамояд.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Соҳаи саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо бандкунандаи 9900 нафар аҳолии қобили меҳнат дар соли 2011-ум ва дар соли 2020-ум 12500 нафарро ташкил намуда, 2600 нафар зиёд гардидааст. Дар соҳаи саноати коркард дар ин давра аз 62500 нафари аҳолии машғули соли 2011-ум ба 86400 нафар дар соли 2020-ум омада расидааст, ки ин 23900 нафар ё 0,6 % зиёд аст[1].

1. Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ.

Маҷмӯи оморӣ / Агентии омори назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021 -С.138-143

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Метавон гуфт, ки дар соли 2011-ум шумораи машғулбудагон дар бахши нерӯи барқ, газ ва таъминоти об 17700 нафарро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум ба 15400 нафар омада расидаст, ки нисбати соли қабли 2300 нафар ё 0,2% коҳиш ёфтааст.

Инчунин дар соли 2020-ум шумораи машғулбудагон дар соҳаи сохтмон афзоиш ёфта, 101900 нафарро ташкил менамояд, ки ин нисбати соли 2011-ум 27600 нафар ё 0,8 % зиёд гардидааст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар бахши хизматрасонӣ бошад шумораи машғулбудагон дар соли 2011-ум 577600 нафар ё 25,7 %-и шумораи умумии машғулбудагонро дар ҷумҳурӣ ташкил менамуд, ки ин нишондиҳандаҳо дар соли 2020-ум ба 751800 нафар ё 30,0 % аз шумораи умумии машғулбудагон омада расид, ки ин нисбатан 174200 нафар ё 4,3 % зиёд гардидаст.

## Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Ин дигаргуни бештар дар соҳаи савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки шумораи машғулбудагони ин соҳа соли 2011-ум 125000 нафарро ташкил намуда, дар соли 2020-ум ба 157200 нафар омада расидааст, ки 32200 нафар ё 0,7 % зиёд гардидааст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар соҳаи меҳмонхона ва тарабхона соли 2020-ум 16400 нафар аҳолӣ ба фаъолият машғул гардидааст, ки ин нисбати соли 2011-ум 10400 нафар ё 0,4 % зиёд аст ва аллакай ин соҳаи мазкур яке аз соҳаҳои калидӣ шуморида мешавад, ки барои рушди ин соҳа мардум кӯшиш намуда истодаанд.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Шумораи машғулбудагон дар соҳаи нақлиёт, алоқа, хоҷагии анбор дар соли 2011-ум 42700 нафарро ташкил менамуд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум ба 61300 нафар омада расидааст. Яъне дар соли 2020-ум дар ин соҳа 18600 нафар корманд зиёд шуда шуғлмандони ин бахш 0,5 % зиёд гардидаанд.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Шумораи шуғлмандон дар соҳаи фаъолияти молиявӣ дар соли 2011-ум 16000 нафарро ташкил менамуд ва ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум ба 24900 нафар шуғлманд омада расидааст. Яъне шумораи шуғлмандон дар ин соҳа 8900 нафар ё 0,2 % зиёд гардидааст[1].

1. Давлатов С.Н., - Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ, Душанбе 2022, саҳ. 74-88

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар соҳаи амалиётҳо бо амволи ғайриманқул, иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ шумораи шуғлмандон дар соли 2011-ум 13100 нафарро ташкил намуда, ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум 31300 нафар шуғлмандро дар бар мегирад, ки нисбати соли 2011-ум 18200 нафар зиёд ё ба 0,7 % аз шумораи умумии шуғлмандон баробар аст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Мақомоти давлатӣ, мудофиа ва суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ дар соли 2011-ум 35700 нафар шуғлмандро ба ҷойи кор таъмин намудааст ва дар соли 2020-ум бошад, 45100 нафарро таъмин намудааст, ки нисбати соли 2011-ум 9400 нафар зиёд бошад ҳам, аз рӯи фоиз бетағйир мондааст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Соҳаи маорифи кишвар яке аз соҳаҳои бузурги бахши хизматрасонӣ дониста мешавад, чунки ин соҳа таъминкунандаи 188500 нафар шуғлманд дар соли 2011-ум ва 247100 нафар шуғлманд дар соли 2020-ум ба ҳисоб меравад. Шумораи шуғлмандон дар соли 2020-ум нисбати соли 2011-ум 58600 нафар ё 1,5 % зиёд гардидааст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Дар соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии кишвар низ дар тӯли ин солҳо шумораи шуғлмандон аз 84500 нафари соли 2011-ум ба 116700 нафари соли 2020-ум омада расида, 32200 нафар ё 0,9 % зиёд гардидааст.

Соҳаи хизматрасониҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ дар соли 2011-ум таъминкунандаи 64200 нафар шуғлманд ба ҳисоб мерафт ва ин шумора дар соли 2020-ум ба 39300 нафар шуғлманд омада расида, 24900 ҷойҳои корӣ аз даст рафтааст ва нисбат ба фоизи умумии шуғлмандон 1,3 % дар ин соҳа кам гардидааст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Агар ин тағйирёбиро мо ба ду бахши бузурги иқтисодӣ, бахши воқеӣ ва бахши хизматрасонӣ назар намоем, дар ҳар ду бахш шумораи шуғлмандон дар соли 2020-ум нисбати соли 2011-ум зиёд гардидааст вале аз рӯйи фоизи ишғолнамудаи шуғлмандӣ дар соли 2020-ум бахши хизматрасонӣ 4,3 % нисбати бахши воқеӣ зиёд гардидааст.

# Моҳияти ва мафҳуми бозори меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёт

Афзоиши шумораи шуғлмандон дар ин соҳаҳои иқтисодиёт ба сиёсати пешгирифтаи давлат ва талаботи бозори меҳнати ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад, чунки афзалияти кадом соҳаеро, ки давлат ҳоҳад ва ба кадом соҳае, ки ниёзи мардум зиёд гардад, шумораи шуғлмандони ҳамон соҳа низ зиёд мегардад.

## Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз омили асосии муайян намудани мутахассисони баландихтисос дар шароити муосир ин бозори меҳнат дониста шуда, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имконият медиҳад, ки барои соҳаҳои муайян мутахассис омода намоянд.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити муосир яке аз нишондиҳандаҳои асосии омода намудани мутахассис дар бозори меҳнат ин ҳамкории мутақобилан судманди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо бозори меҳнат шуморида мешавад, ки дар кадом соҳа бештар мутахассис омода карда шавад, зеро рушди ин ё он бахш аз мутахассисони баландихтисос вобаста мебошанд. Ҳолати мазкур имрӯзҳо дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, ки дар ҷадвал ба таври муфассал пешниҳод гардидааст.

## Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз ҷадвали мазкур мушоҳид мегардад, ки шахсони ба фаъолияти меҳнати банд набуда дар ҷустуҷӯйи кор қарор доранд ва дар хадамоти шуғли аҳолӣ худро ба қайд гирифтаанд, ин нишондиҳандаҳо дар соли 2011-ум ба 64079 нафар расида буд ва дар соли 2020-ум ин нишондиҳанда ба 39378 нафар афзоиш ёфта ба 103457 нафар расид. Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумори шахсони дар ҷустуҷуйи кор қарор дошта зиёд гардидааст ва онҳо низ худро дар шуғли аҳолӣ бақайд гирифтаанд.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи нишондиҳандаҳои корхонаву ташкилотҳои мавҷудбудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки шумораи кормандон дар соли 2011-ум ба 11694 нафарро ташкил менамуд ва ин шумора бошад, дар соли 2020-ум ба 9416 нафар расид, ки ин 2278 нафар нисбати соли 2011-ум коҳиш дода шудааст.

1. Давлатов С.Н., - Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ, Душанбе 2022, саҳ. 74-88

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҷадвали 1.**

## Пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2020 (дар охири сол, нафар)

| Сол | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|
| Шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд | 79619 | 92631 | 106542 | 103457 |
| **Аз он ҷумла мақоми бекоронро доранд** | | | | |
| ҳамагӣ | 49662 | 47522 | 48967 | 49888 |
| занҳо | 25472 | 22562 | 21887 | 23840 |
| ҷавонони 15-29 сола | 40007 | 46567 | 50834 | 51974 |
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон | 7998 | 8982 | 10201 | 9416 |
| Шумораи бекороне, ки ба як ҷои холи кор талабгоранд | 10,0 | 10,3 | 10,4 | 11,0 |
| Ба кор таъминшудагон | 49500 | 63100 | 76400 | 72200 |
| Ба ҳисоби % аз шумораи умумии муроҷиаткардагон | 62,1 | 68,1 | 71,7 | 69,8 |

***Сарчашма:*** Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021 - С.150-151.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар соли 2017-ум шумораи бекороне, ки ба як ҷойи холии кор талабгоранд, 6,4 нафарро ташкил менамуд ва ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум ба 11 нафар дар як ҷойи кори холӣ рост меояд.

Дар соли 2017-ум шахсоне, ки ба ҷойи кор таъмин шудаанд, 32400 нафарро ташкил менамояд ва ин шумора дар соли 2020-ум 39800 нафар зиёд гардида, 72200 нафарро ташкил менамояд.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумии мурочиаткардагон агар дар соли 2011-ум 50,5 %-и онҳо ба кор таъмин шуда бошанд, пас ин нишондиҳанда, дар соли 2020-ум ба 69,8 % омада расида, зиёдшавии он 19,3 %-ро ташкил медиҳад.

Талабот ва таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2017-2020-ум аз рӯйи таҳлили маълумотҳои овардашуда дар як сатҳи муайян қарор дорад, чунки сатҳи бекорӣ ва таъмини шахсони корҷӯянда дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда, дар сатҳи хеле хуб қарор дорад.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнат, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии муайяннамоии сатҳи бекорӣ дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин муайяннамоии дараҷаи бекорӣ аз рӯйи сатҳи маълумотнокии онҳо, идомадиҳандаи таҳлилҳои мо дар ин бахш ҳисобида мешаванд.

Тақсимоти шумораи бекорони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шуда, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, дар сатҳи вилоятҳо, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе оварда шудааст.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шумораи бекорони соҳиби маълумотнокӣ дар хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда, дар соли 2012-ум 54500 нафарро ташкил менамояд, ки ин шумора дар соли 2020-ум ба 49000 нафар омада расида, нисбати соли 2012-ум 5500 нафар аз шумораи бекорони дараҷаи маълумотдор кам мебошад. Агар ин нишондиҳандаро дар сатҳи маълумоти олӣ таҳлил намоем, мебинем, ки шумораи бекорони маълумоти олии касбидошта, дар соли 2012-ум 3600 нафарро ташкил намудааст ва дар соли 2020-ум бошад, ба 4000 нафар баробар аст, ки нисбати соли 2012-ум 400 нафар зиёд мебошад.

## Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бекорони дараҷаи маълумотнокиашон миёнаи касбӣ дар соли 2012-ум 9200 нафар ва дар соли 2020-ум 6300 нафарро ташкил мекунад, ки фарқияташон 2900 нафарро ташкил менамояд. Бекорони дараҷаи маълумотнокиашон ибтидои касбӣ, ки дар соли 2012-ум 8600 нафарро ташкил намуда, ин шумора дар соли 2020-ум 1700 нафар кам гаштааст ва 6900 нафарро ташкил намудааст. Шумораи бекороне, ки дараҷаи маълумотнокиашон миёнаи умумӣ аст, дар соли 2012-ум 33100 нафарро ташкил намудааст. Дар соли 2020-ум бошад, ин шумора ба 31800 нафар омада расида, 1300 нафар кам гардидааст.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шумораи бекорон вобаста ба дараҷаи маълумотнокӣ дар ВМКБ дар ҳама дараҷаҳои маълумотнокӣ дар соли 2012-ум 3800 нафар ва дар соли 2020-ум 4500 нафарро ташкил дода, 700 нафар зиёд гардидааст. Дар ВМКБ бекорони дорои маълумоти олӣ аз 200 нафари соли 2012-ум ба 300 нафари бекор дар соли 2020-ум омада расида, 100 нафар зиёд гардидааст.

## Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар вилояти Хатлон сатҳи бекорони маълумотдор дар маҷмӯъ дар соли 2012-ум 22900 нафарро ташкил намудааст ва дар соли 2020-ум бошад, ин шумора ба 14600 нафар бекори маълумотдор омада расидааст, ки нисбати соли 2012-ум 8300 нафар камтар аст. Бекорони маълумоти олидор дар соли 2012-ум 1600 нафарро ташкил менамояд ва ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум 900 нафар кам гардида, 700 нафари бекорро ташкил намудааст.

## Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Точикистон

Дар вилояти Суғд шумораи бекорон аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ дар соли 2012-ум 12700 нафарро ташкил намудааст ва дар соли 2020-ум ин шумора 3800 нафар кам гардида, 8900 нафарро ташкил намудааст ва минтақае дониста мешавад, ки шумораи бекорони дорои маълумоти олӣ, аз 800 нафари соли 2012-ум ба 1300 нафари соли 2020-ум омада расида, 500 нафар зиёд гардидааст.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз рӯйи таҳлилҳои гузаронидашуда, қисми зиёди кормандони дар шароитҳои номусоиди меҳнатӣ фаъолияткунанда, дар соҳаи саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва нақлиёт дида мешавад, ки ин аз як тараф сабабҳои хоси худро дорад ва аз тарафи дигар дар ҳолати надоштани маълумоти касбии тахассусӣ шахси бекор маҷбур мешавад, ки дар ин соҳаҳо бе маълумоти зарурӣ фаъолият намоянд. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки маълумотнокии аҳолӣ инсонҳоро аз фаъолияти ба саломатӣ зараровар эмин нигоҳ дошта, фаъолиятнамоии онро аз сатҳи поёнӣ, яъне корҳои вазнин ба сатҳи боло, бо маълумоти касбӣ-тахассусӣ фаъолият карданро кафолат

медиҳад.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт

Бозори меҳнат яке аз унсурҳои асосии иқтисодиёт ба шумор меравад, ки фаъолияти самараноки он барои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши калидӣ мебозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти хусусиятҳои демографӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, бозори меҳнат дорои тамоюлҳо ва хусусиятҳои хоси худ мебошад. Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, ки ҳам аз омилҳои дохилӣ ва ҳам беруна таъсир мегирад, таҳлили вазъи бозори меҳнат аҳамияти махсус дорад.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт

Яке аз хусусиятҳои аслии Тоҷикистон – ин афзоиши босуръати аҳолӣ, махсусан аҳолии ҷавон мебошад. Соли 2025 шумораи аҳолӣ аз 10,5 миллион нафар гузашта, зиёда аз 60% аҳолӣ қобили меҳнат ба ҳисоб меравад. Ин омил, аз як ҷониб, имконият барои рушди истеҳсолот ва хизматрасонӣ аст, аммо аз ҷониби дигар – фишори зиёд ба бозори меҳнат меорад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз унсурҳои асосии бозори меҳнати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Солона зиёда аз 800 ҳазор нафар шаҳрвандон барои кор ба хориҷи кишвар, асосан ба Федератсияи Русия мераванд. Сабабҳои асосии муҳоҷират инҳоянд:

## Тамоюл ва хусусиятҳои асосии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт

- камбуди ҷойҳои кори хубу музднок дар дохили кишвар;
- фароҳам набудани шароити касбомузӣ ва таҷрибаандӯзӣ;
- сатҳи пасти музди меҳнат.

Сатҳи расмии бекорӣ дар Тоҷикистон дар солҳои охир дар ҳудуди 2-2,5% қарор дорад, аммо ин рақам тасвири пурраи вазъро намедиҳад. Тибқи маълумоти ғайрирасмӣ, сатҳи бекорӣ ва шуғли нопурра (ё худи худ шуғлшудагӣ) хеле баландтар аст. Бисёре аз шаҳрвандон ба фаъолияти иқтисодии ғайрирасмӣ машғуланд, ки на бо андозу на бо ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирифта нашудаанд.

Бозори меҳнати Тоҷикистон ба андозаи зиёд дар бахши ғайрирасмӣ фаъол аст.

## Тамоюл ва хусусиятҳои асосии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт

Яке аз мушкилоти аслӣ – номувофиқатии байни ихтисосҳои кадрҳои омодашаванда ва талаботи бозори меҳнат мебошад. Бисёре аз хатмкунандагони донишгоҳҳо соҳиби донишҳои назариявӣ ҳастанд, вале таҷрибаи амалӣ надоранд. Аз ин рӯ, корфармоён кадрҳои соҳибихтисоси тайёрро намеёбанд.

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ки вазифаи танзими бозори меҳнатро ба ухда дорад, на ҳамеша метавонад самаранок фаъолият намояд.

Бо вуҷуди сатҳи пасти рақамикунонӣ дар умум, дар солҳои охир қадамҳои аввалини рақамикунонии хизматрасониҳои шуғл ва касбомӯзӣ гузошта мешаванд.

# ХУЛОСА

**Чораҳои зарурӣ барои рушди устувори бозори меҳнат**

- Ислоҳоти соҳаи маориф ва мутобиқсозии он бо талаботи бозор;
- Рушди соҳибкорӣ ва дастгирии шуғли мустақил (start-up-ҳо);
- Ҳавасмандсозии корфармоён барои фароҳам овардани ҷойҳои корӣ;

Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи тағйироти муҳим қарор дорад. Афзоиши аҳолӣ, сатҳи баланди муҳоҷират, шуғли ғайрирасмӣ ва ихтилофи байни талаботу пешниҳоди нерӯи корӣ аз ҷумлаи мушкилоти аслӣ мебошанд. Барои бартараф кардани ин чолишҳо, зарур аст, ки давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа ҳамкорона амал кунанд ва ислоҳоти ҷиддӣ дар сиёсати меҳнат ва шуғл роҳандозӣ гардад.

# Адабиёт:

1. Давлатов С.Н., - Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ, Душанбе 2022, саҳ. 74-88

2. Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021 -С.138-143.

3. Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон АОНПҶТ, Душанбе - 2021. - С. 78-88.